**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**

Ректори Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ Убайдулло Асрорзода
«29» ___09___ соли 2023

# БАРНОМАИ «МУҶАҲҲАЗНАМОИИ ИНФРОСОХТОРИ КАМПУС»

**Давраи татбиқ: 2023-2030**

**1. Мақсади барнома:** Таъсиси шаҳраки муосири донишгоҳӣ, аз ҷиҳати экологӣ устувор, каммасраф ва фарогир, ки татбиқи вазифаҳои таълимӣ, тадқиқотӣ ва иҷтимоиро мутобиқи стандартҳои байналмилалии рушди устувор ва стратегияҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

**2. Самтҳои асосии барнома:**

1. Рушди инфрасохтор: сохтмони биноҳои нави таълимӣ, кабудизоркунӣ, таъсиси Маркази рушди малакаҳо.
2. Инфрасохтори иҷтимоӣ ва рақамӣ: хобгоҳ, ошхона, студия, Маркази зеҳни сунъӣ ва системаи рақамии iU-Portal.
3. Устувории экологӣ: истифодаи технологияҳои сарфаи энергия, ҷудокунии партовҳо, қитъаи ботаникӣ ва бонки тухмӣ.
4. Фарогирӣ ва амният: муҳити бидуни монеа, назорати видеоӣ, дастгирии донишҷӯёни ятим, духтарон ва занон.

**3. Дастгирии Ҳадафҳои рушди устувор**

| № ҲРУ | Номи ҲРУ | Саҳми барнома |
|---|---|---|
| 1 | Бар□ам додани камбизоатӣ | Истиқомати ройгон ва дастгирии донишҷӯён аз гурӯҳҳои осебпазир |
| 2 | Барҳам додани гуруснагӣ | Ғизои ройгон ва имтиёзнок |
| 3 | Саломатӣ ва некӯаҳволӣ | Толори варзишӣ, ҳавзи шиноварӣ ва ғизои солим |
| 4 | Таҳсилоти босифат | Синфхонаҳои замонавӣ, озмоишгоҳҳо ва рақамисозӣ |
| 5 | Баробарии гендерӣ | Барномаҳои занон ва фарогирӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 6 | Оби тоза ва бе□дошт | Системаҳои экологӣ оид ба истифодабарии об |
| 7 | Неруи дастрас ва тоза | Равшаннамоии каммасрафи энергетикӣ, омодасозии нерӯгоҳи офтобӣ |
| 8 | Меҳнати сазовор ва рушди иқтисодӣ | Маркази ҷумҳуриявӣ барои такмили ихтисоси кормандони соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ, Маркази татбиқи лоиҳаҳо, Маркази дипломатияи сабз, Маркази зеҳни сунъӣ, Маркази сайёҳӣ; студияи таълимӣ-маълумотӣ; китобхонаи илмӣ, китобхонаи электронӣ, технопарк, 20 синфхонаи компютерӣ. |
| 9 | Саноат, инноватсия ва инфрасохтор | Биноҳои нав, озмоишгоҳҳо |
| 10 | Коҳиш додани нобаробарӣ | Хобгоҳҳо, таҳсилоти дастрас |
| 11 | Шаҳрҳо ва маҳалҳои устувор | Кабудизоркунӣ ва ободонӣ |
| 12 | Истеъмол ва истеҳсолоти о□илона | Ҷобаҷогузории партовҳо ва маърифати экологӣ |
| 13 | Мубориза бо тағйирёбии иқлим | Барномаҳои мутобиқшавӣ ва иқтисоди сабз |
| 14 | Ҳифзи экосистемаҳои обӣ | Таълимотӣ экологӣ ва лоиҳаҳои байналмилалӣ |
| 15 | Ҳифзи экосистемаҳои хушкӣ | Қисмати ботаникӣ ва барномаи Green Heritage |
| 16 | Ҷомеаи осоишта ва дастрасӣ ба адлия | Ташаббусҳои сулҳҷӯёна ва дипломатияи сабз |
| 17 | Ҳамкорӣ барои рушди устувор | Ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ |

## 4. Натиҷаҳои калидӣ (барои соли 2025)

1. 85% кампус бо технологияҳои каммасрафи энергия муҷаҳҳаз шудааст.
2. Беш аз 5 000 донишҷӯ дар корпусҳои муҷаҳҳазшуда, ҳам дар кампуси асосӣ ва ҳам дар ҳамаи шӯъбаҳо, таҳсил мекунанд.
3. 3 200 донишҷӯ дар фаъолияти марказҳои зикршуда фаро гирифта шудаанд.

4. Беш аз 100 аудитория бо воситаҳои мултимедиа муҷаҳҳаз шудаанд.
5. Студияи таълимӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ ва рушди устувор таъсис дода шудааст.

## 5. Шарикон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илмии ҶТ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, донишгоҳҳои Созмони Ҳамкории Шанхай, Академияи байналмилалии илмҳои таҳсилоти олӣ ва Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиё, Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ.

## 6. Сатҳи иҷроиш

Барнома беш аз 90% амалӣ шудааст. Биноҳои нав ва хобгоҳҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд, кабудизоркунӣ анҷом ёфтааст ва раванди рақамисозӣ фаъолона ҷорӣ аст.

## 7. Хулоса

Барномаи «Муҷаҳҳазнамоии инфросохтори кампус»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон намунаи ҳамгироии афзалиятҳои миллӣ бо Ҳадафҳои рушди устувори СММ буда, кампуси муосири сабз ва инноватсиониро ташкил медиҳад.